ФАРМОИШӢ

РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 399/ш ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии доктори илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 6, 114, 115 ва 126 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (ду нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии
аттестатсионии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «02» 11 соли 2026, № 399/қа

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

№	Насаб, ном ва номи падари довталаб	Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ
1.	Ғанизода Ҷамшед Шуҷоат	6D.KOA-027 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; доктори меъморӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.41. Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ
2.	Нарзиев Мирхусен	6D.KOA-056 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.3.42. Астрометрия ва механикаи ҷирмҳои осмонӣ